**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

**КАФЕДРАИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ВА ИНФОРМАТИКА**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ КУРСҲОИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ

**Душанбе - 2024**

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30. 09. 2024, № 9 / 8 - 42 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттибон:**

**Сайдалиев Х. -** н.и.и., дотсенти кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатика;

**Абдуллоев И.-** Омӯзгори калони кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатика.

**Муқарризон:**

**Нодиров Б. -** Мудири шуъбаи хадамоти методии таҳсилоти умумии Маркази ҷумхуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Суриева Ш. -** Ходими пешбари илмии шуъбаи фанҳои технология (таълими меҳнат), тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаи таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ.

**Муҳаррир:**

**Одинаев А.Р. -** Мудири кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатика н.и.ф, дотсент.

Барномаи таълимӣ дар асоси стандарти давлатии таълимӣ тартиб ёфтааст. Барномаи мазкур иҳотакунандаи паҳлуҳои гуногуни методикаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ бо дар назардошти муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим мебошад.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ тавсия карда мешавад.

## Пешгуфтор

Мақсади асосии барнома баланд намудани маҳорати касбии омӯзгорон бо роҳи шинос намудани онҳо бо дастовардҳои нави илмӣ, роҳу усулҳои нави таълим, методикаҳои умумӣ ва хусусии таълими фан дар муассисаҳои таълимӣ бо истифодаи усулҳои нави таълим мебошад.

Барномаи мазкур тарзе таҳия шудааст, ки он асосан ба методҳои интерактивӣ хос буда, усулҳои таълими гуногунро дар бар мегирад.

Дар барнома шиносоии омӯзгорон бо вазифа ва мазмуни курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ, хусусиятҳои гуногуни шакл ва методҳои ташкили машғулиятҳо дар зинаҳои таълим ва алоқамандӣ бо фанҳои дигар дар назар аст.

Дар қисмати аввали барнома ба ташаккули касбӣ, маҳорати педагогии омӯзгор ва таъмини дидактикии чараёни таълим бо методҳои хусусии таълими технологияи иттилоотӣ мавзӯъҳо оварда шудаст.

Мазмуни барнома ба сатҳи такмили дониши шунавандагон мувофиқ карда шуда, дар асоси талаботи салоҳияти касбии омӯзгорони курси такмили ихтисос таҳия гардидааст.

Дар барнома номгӯи адабиёти истифодашаванда марбут ба мақсаду масъалаҳои таълим тавсия дода шудаанд.

Инчунин дар барнома нақша ҷой дода шудааст, ки раванди таълимро дар курс муайян карда, фаъолияти таълимии онро мувофиқи мақсад ба роҳ мемонад.

Аз тренерон ва омӯзгорони курс эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро нисбат ба ин барнома ба суроғаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф ё филиалҳои дар минтақаҳо мавҷудбуда ирсол намоянд.

**1. Мақсади таълим** - ташаккул додани дониш, маҳора, малака ва салоҳияти муайянро дар бар мегирад;

**2. Мавзӯъ ва мундариҷаи таълим** - дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути аз худ кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита дониш, маҳорат, малака ва салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

**3. Фаъолияти таълим** - аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзӯъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**4. Вақт** - вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

**5.Талаботи барнома**

То анҷоми курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ шунавандагон дониш, малака ва салоҳиятҳои зеринро бояд соҳиб гарданд:

-мақсад ва мазмуни стандарти давлатии таълими фанни технологияи иттилоотӣ шарҳ дода, дар асоси он ва барномаи таълимӣ нақшаҳои тақвимӣ ва дарсӣ таҳия карда тавонанд;

-усулҳои таълим ва омӯзиши интерактивиро донанд, муносибату воситаҳои онро дар амал татбиқ кунанд;

-ҳангоми арзёбии фаъолияти таълимии хонандагон аз усулу воситаҳои гуногуни арзёбӣ истифода баранд;

-ҳамгирои робитаи фанни технологияи иттилоотӣ бо дигар фанҳои таълимиро донанд;

-Кабинети технологияи иттилоотӣ ва мавқеи он дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ дар мактабро татбиқ кунанд;

-таълими методикаи унсурҳои бахши воситаҳои иттилоотикунониро баррасӣ намоянд;

-методикаи таълими бахши технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ истифода баранд.

Талаботи мазкур тавассути тести (санҷишӣ) ҷамъбастӣ санҷида шуда, ба шунавандагони курс балли муайян

гузошта мешавад. Баъд аз хатми курси мазкур шунавандагони он (дар асоси натиҷаи баҳои тест ва корҳои хаттӣ) бо шаҳодатнома сарфароз мегарданд.

Талаботи ба сатҳи тайёр намудани шунавандагон:

Пас аз хатми курс шунавандагон бояд:

- моҳияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;

-талаботи Стандарти давлатии таълим ба салоҳияти касбии омӯзгор;

- асосҳои назариявӣ ва амалии педагогӣ;

-истифодаи технологияи инноватсионӣ дар омӯзиши фан;

- моҳият, хусусиятҳо ва усулҳои тадқиқоти илмиро донад.

-таҳлил карда тавонистани фаъолияти касбии худ бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ;

- мониторинги сифати дониши хонандагонро гузаронида тавонад;

-фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ҳангоми кор бо «Технологияи иттилоотӣ-комуникатсионӣ» ба роҳ монда тавонад;

-барномаҳои таълимии иловагии фанни технологияи иттилоотӣ ва банақшагирии дарсҳоро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб дода, арзёбӣ намояд;

- саволномаҳои аттестатсияи ҷамъбастӣ (рейтинг, санҷиш, имтиҳон), олимпиада ва викторинаро мустақилона аз фанни технологияи иттилоотӣ тартиб дода, омода намояд;

- дар асоси донишҳои назариявӣ тадқиқот гузаринида тавонад.

- технологияи муосири педагогии таълими фанни технология;

-истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳалли барномаҳои касбӣ;

-методологияи тарҳи истифодаи ТИК дошта бошад.

# НАҚШАИ
## таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ

| № | Қисмҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Тахассус, методикаи таълими фан | 36 | 14 | 22 |
| 2. | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | |
| 3. | Педагогика ва психологияи касбӣ | 6 | 2 | 4 |
| 6. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| **ҲАМАГӢ** | | **48** | **19** | **29** |

## НАҚШАИ
### тақвимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҳамагӣ** | **Назариявӣ** | **Амалӣ** |
| 1 | **Тахассус, методикаи таълими фан** | **36** | **14** | **22** |
| 1.1. | Мавқеъ ва моҳияти омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 3 | 2 | 1 |
| 1.2. | Стандарти давлатии таҳсилот, нақшаи таълимӣ, барномаи таълимӣ ва китобӣ дарсӣ: мафҳум ва моҳияти он | 3 | 2 | 1 |
| 1.3. | Муносибати салоҳиятнокӣ, мафҳум, моҳият ва истифодабарии он дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ | 3 | 1 | 2 |
| 1.4. | Салоҳиятҳои асосии фанни технологияи иттилоотӣ ва салоҳиятҳои кор бо иттилоотӣ нав | 3 | 1 | 2 |
| 1.5. | Усулҳои интерактивӣ ва методикаи истифодабарии он дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ | 3 | 1 | 2 |
| 1.6. | Банақшагирии дарс бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим ва истифодаи технологияи инноватсионӣ дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ | 3 | 1 | 2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.7. | Роҳҳои ташкили иттиҳодияҳои методӣ ва гурӯҳҳои эҷодии омӯзгорон аз фанни технологияи иттилоотӣ | 3 | 1 | 2 |
| 1.8. | Гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ва маҳфилҳои фаннӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ ва тартиби ташкили он | 3 | 1 | 2 |
| 1.9. | Мавқеъи кабинети технологияи иттилоотӣ дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ | 3 | 1 | 2 |
| 1.10. | Роҳҳои татбиқи 20-солаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф ва илм дар МТМУ | 3 | 1 | 2 |
| 1.11. | Кори амалӣ дар муассисаҳои базавӣ (Такягоҳӣ) | 6 | 3 | 3 |
| **2** | **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | | | |
| 2.1. | Самаранокии усулҳои омӯзиш дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотӣ | 3 | 1 | 2 |
| 2.2. | Методикаи истифодабарии стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ | 3 | 1 | 2 |
| 2.3. | Таълими анъанавӣ ва омӯзиши якҷоя: хусусиятҳои фарқкунандаи оншо дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ | 3 | 1 | 2 |
| 2.4. | Тест: роҳҳои таҳия ва истифодаи он дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ | 3 | 1 | 2 |
| 2.5. | Фарҳанги истифодабарии сомонаҳои иҷтимоӣ миёни хонандагон ва методикаи омӯзиши он | 3 | 1 | 2 |
| 2.6. | Комёбиҳо ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар давраҳои пайдоиш, ташаккулёбӣ, муосир ва дурнамои рушди он | 3 | 1 | 2 |

***Эзоҳ: Шунавандагон метаввонанд аз қисми дуюми нақшаи мазкур дар доираи соатҳои муайянгардида мавзӯъҳои иловагии алтернативии дилхоҳи худро интихоб намоянд.***

**1. Тахассус, методикаи таълими фан (36 - соат).**

**Мавзӯи 1.1. Мавқеъ ва моҳияти омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Мақсад ва вазифаи асосии омӯзиши технологияи иттилоотӣ. Системаҳои гуногуни технологияи иттилоотӣ. Воситаҳои техникӣ ва нанотехнология. Технологияи иттилоотӣ дар байни дигар фанҳои таълимӣ нақши махсус дошта, вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд. Ҳангоми таҳлили ҳодисаҳои табиӣ хонандагон бо хусусиятҳои физикӣ, математикӣ, химиявии ашёҳо, ҳодисаҳои биологӣ, ахборот доир баҳам бастагии ҳодисаҳо ва равандҳо дар кураи Замин ва кайҳон, тағйирёбии онҳо рӯ ба рӯ мешаванд ва дар доираи хусусиятҳои синнусол ва тартиботи рӯзгор ба ин гуна донишҳо такя менамоянд. Минбаъд дар заминаи ин донишҳо малакаю маҳоратҳо махсус инкишоф дода мешавад.

Мақсад ва вазифаи асосии омӯзиши технологияи иттилоотӣ аз он иборат аст, ки ба талаба аз фанни технологияи иттилоотӣ дониши саҳеҳ ва кофӣ диҳад, токи битавонад:

-ба технологияи иттилоотӣ чун падидаи фарҳангӣ эҳтироми бе поён ва ба он муносибати огоҳонаю бо шуурона зоҳир намояд;

-дар ҳолатҳои гуногун шунидаю пурсида тавонад, ба гуфтори дигарон бо эътино бошад, андешаҳои шахсии худро баён ва шарҳ дода тавонад ва ахбори дурустро аз нодуруст дар фазои иттилоотӣ фарқ кунад;

-ахбори ба дастовардаро аз худ карда, қобилияти худро инкишоф диҳад, то ки фазои иттилоотии мавҷударо фаҳмад ва дар он ширкат варзад;

-системаҳои гуногуни технологияи иттилоотиро интихоб намояд, хонад, коркард кунад, шарҳ диҳад ва арзёбӣ кунад;

-зимни корҳои лабораторӣ ва амалӣ аз барномаҳои базавӣ ва воситаҳои техникӣ ва нанотехнология истифода бурда, системаҳои гуногунҷабҳа, воситаҳои тасвирӣ ва техникӣ дониши худро сайқал диҳад;

-ба қоидаҳои санитарӣ-гигиении инсон аҳамият дода, роҳҳои муҳофизати саломатии инсонро нишон дода тавонад.

## Мавзӯи 1.2. Стандарти давлатии таҳсилот, нақшаи таълимӣ, барномаи таълимӣ ва китобӣ дарсӣ: мафҳум ва моҳият

Мувофиқатии барномаи таълим бо стандарти давлатии фанни технологияи иттилоотӣ. Таҳлили стандарт ва барнома. Мувофиқатии барномаи таълим бо китобҳои дарсии фанни технологияи иттилоотӣ. Равшан гардонидани моҳияти равандҳои иттилоотӣ дар ҷаҳонбинии илмӣ ва нақши технологияи иттилоотӣ дар ҷомеаи навин.

Мувофиқати барномаи таълими амалкунанда бо нақшаи таълимӣ. Микдори соатҳои таълимӣ барои синфҳои гуногун дар нақшаи таълимӣ. Зарурати навсозии барномаи таълим;

Мувофиқатии мазмуну мӯҳтавои китобҳо бо барнома. Таҳлили ҳаматарафаи мазмуни китобҳои дарсӣ ва мувофиқатии онҳо бо барномаи таълимӣ. Зарурати таҳияи китобҳои насли нав аз фанни технологияи иттилоотӣ.

Соҳаи таълимии фанни технологияи иттилоотӣ ҳамчун характери комплексӣ ва баҳри амалӣ гаштани ҳадафҳои зерин равона шудааст:

1.Парвариши малакаҳои истифодаи моҳирона ва пурсамари компютер дар раванди омӯзиш ва фаъолияти ҳамарӯзаи хонандагон;

2.Омодагӣ ба ҳаёти пурарзишу фаъоли ҷомеаи иттилоотӣ;

3.Баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии хонандагон;

4.Тадбиқи технологияҳои нави иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

5.Таъмини фарогирии устувори техника ва технологияи компютерӣ дар ҳамаи самтҳои ҳаёт.

## Мавзуи 1.3. Муносибати салоҳиятнокӣ, мафҳум, моҳият ва истифодабарии он дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ

Омӯзгорон дар бораи муносибати салоҳиятнокии таълим ва равандҳои татбиқи он дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таълимоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дошта бошанд. Мафҳумҳои «Салоҳият» ва «Таълими салоҳиятнокӣ» - ро дарк намоянд. Вобаста ба ин омӯзгорон ба он водор карда мешаванд, ки моҳияти амалӣ намудани ин муносибатро аз нуқтаи назари технологияи муосири таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ татбиқ намоянд. Таълими салоҳиятнокӣ ва алоқамандии он ба омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ, муқоисаи таълими анъанавӣ бо ин низоми таълим, салоҳиятҳо дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ ҷамбаҳои муҳими татбиқи низоми салоҳиятнокӣ дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ мебошад.

## Мавзӯи 1.4. Салоҳиятҳои асосии фанни технологияи иттилоотӣ ва салоҳиятҳои кор бо иттилоотӣ нав

Худи истилоҳи «салоҳиятҳои асосӣ» ба он ишора менамояд, ки онҳо барои салоҳиятҳои мушаххас ва фаннӣ - раҳнамойӣ ҳамчун «калид» ва асос ба ҳисоб мераванд. Эҳтимолан, «салоҳиятҳои асосӣ» тавсифоти умумифаннӣ, байнифаннӣ ва ҳаматарафа дошта, дар тамоми соҳаи фаъолияти инсон (маърифатӣ, ҳаётӣ ва истеҳсолӣ) татбиқшавандаанд.

Ҷанбаи муҳими дигари «салоҳиятҳои асосӣ» ташаккули хоҳиш ва малакаи омӯхтан дар тамоми тӯли ҳаёт мебошад. Ғайр аз ин, барои муайян кардани мафҳуми «салоҳиятҳои асосӣ» ақидаҳои гуногун мавҷуданд (дар

фаслҳои пешинаи дастури мазкур мо қайд карда будем, ки номгӯйи ягона ва ба ҳама мақбули «салоҳиятҳои асосӣ» вуҷуд надорад). Дар барномаи мазкур, бо назардошти робитаи байнифаннӣ панҷ салоҳияти асосӣ (салоҳиятҳои универсиалӣ) интихоб карда шудаанд.

## Мавзӯи 1.5. Усулҳои интерактивӣ ва методикаи истифодабарии он дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ

Таълими интерактивӣ - ин шакли махсуси ташкили фаъолияти фикрӣ мебошад. Дар якҷоягӣ ҳалли масъалаҳоеро дида мебарояд, ки барои ҳар як хонанда муҳим аст.

Шавқи хонандагонро бедор мекунад. Ҳар як хонандаро барои иштироки фаъол дар раванди омӯзиш ҳавасманд мегардонад. Ба ҳиссиёти ҳар як хонанда равона мешавад. Истифодаи усулҳои интерактивӣ ҷанбахои азхудкунии маводи таълимиро фарохам меорад.

Таъсири ҳамаҷониба ба хонандагон мерасонад. Ҳангоми истифодаи усулҳои интерактивӣ дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ робитаи хуби мутақобила байни омӯзгор ва хонандагон, инчунин хонанда бо хонанда пайдо мешавад. Малакаҳои ҳаётиро ташаккул медиҳад. Барои тағйироти рафтор мусоидат мекунад.

Усулҳои интерактивӣ равона шудаанд: ба ҳамкории хонандагон, натанҳо бо омӯзгор, балки байни як дигар, ба фаъолнокии хонандагон дар раванди омӯзиш, ба ҷои омӯзгор дар машғулиятҳои интерактивӣ фаъолияти хонандагон барои расидан ба мақсадҳои машғулият.

Сабаби интихоби ин усулҳо аз он иборат аст, ки воситаи самараноки омӯзиш ба ҳисоб мераванд. Ҳамон усуле самараноктар ба ҳисоб меравад, ки бо истифода аз

мавод ва вақти кам мақсадҳои таълимии хонандагон амалӣ шаванд.

### Мавзӯи 1.6. Банақшагирии дарс бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим ва истифодаи технологияи инноватсионӣ дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ

Омодагии муаллим ба дарс. Ташкили дарс. Тартиб додани накшаи дарс ва маводи он. Банақшагирии дарс дар асоси технологияи инноватсионӣ. Умумият ва фарқи технологияи таълим аз методикаи таълим. Навиштани нақшаи дарс вобаста ба навъи дарс. Нишондиҳандаҳои технологӣ будани таълим. Таъсис додани махзани нақшаҳои дарсҳо. Сохтори нақшаҳои дарс. Мафҳуми технологияи инноватсионӣ (тахтаи электронӣ, проектор). Мақсади истифодаи технологияи инноватсионӣ дар таълим. Моҳияти технологияи комуникативии таълим. Таълими фосилавӣ. Иваз намудани шакли анъанавии таълим ба таълими инноватсионӣ. Метод ва усулҳои омӯзиши таълими инноватсионӣ. Камбудиҳо ва норасогиҳо дар таълими инноватсионӣ.

Вақте, ки омӯзгор дар сари масъалаи мушаххас, ба мисли чӣ гуна ташкил кардани кор оид ба омӯзиш ин ё он мавзӯъ фикр мекунад, бе чуну чаро чанд савол пеши рӯйи ӯ меистад: кадом силсилаи дидактикии дарсҳоро интихоб бояд кард, доир ба омӯзиши мавзӯъ чӣ гуна корро бояд ба роҳ монд, ба кадом андоза иттилоъ дар доираи мавзӯъ таҳлил мешавад, кадом ва чӣ гуна механизмҳои робитаи мутақобиларо истифода бояд кард, инчунин кадом методҳо дар муносибати босалоҳият дар таълим самарабахтар ҳастанд?

Кори омӯзгори моҳирро мушоҳида намуда, дар ҳайрат мемонӣ, ки бо чӣ гуна чалокӣ оҳанги кори худро ба низом медарорад. Ва танҳо омӯзгори дигар медонад, ки барои

низоми мазкур чӣ қадар заҳмат сарф шудааст. Дар идома мехоҳем хонандаи гиромиро бо навгониҳои педагогҳои навҷӯ, ки ба як система, технологияи балоиҳагирии дарсҳо дароварда шудаанд, ошно созем.

## Мавзӯи 1.7. Роҳҳои ташкили иттиҳодияҳои методӣ ва гурӯҳҳои эҷодии омӯзгорон аз фанни технологияи иттилоотӣ

Маҳз иттиҳодияи методӣ дар баланд бардоштани дониши касбӣ ва методии омӯзгорон аҳамияти зарурӣ дошта, имкон медиҳад, ки таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар байни хонандагон дуруст ба роҳ монда шавад. Иттиҳодияи методии муаллимон вобаста ба теъдоди муаллимон дар дохили мактаб, дар байни мактабҳои ҳамсоя ва ё ноҳия ва шаҳр ба роҳ монда мешавад. Чорабиниҳои иттиҳодияи илмӣ-методӣ дар давоми соли таҳсил дар асоси нақшаи солона ва мувофиқа ба Шӯрои омӯзгорӣ ва иттиҳодияи методии умумимактабӣ амалӣ карда мешаванд. Мувофиқ ба чорабиниҳои банақшагирифташуда ва ҳолати рафти таълиму тарбия дар муассисаи таълимӣ ҷамъомадҳои иттиҳодия дар муҳлатҳои гуногун, дар давоми моҳ як маротиба, ду маротиба ва ё дар муҳлати дигар гузаронида мешаванд. Чорабиниҳои иттиҳодия дар давоми ҳар як моҳ се манбаи асосиро дарбар гирифта метавонад:

- чорабиниҳои вобаста мушоҳидаи рафти таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар муассиса, вазъи азхудкунии дарсҳо, ҳолати дафтарҳо ва ғайра.
- рафти иҷрои корҳои методии омӯзгорон, дастёбӣ ба методикаи дарсгузарии аъзоёни иттиҳодия, корҳои беруназсинфӣ ва худомӯзии омӯзгорон.
- баромадҳои методӣ ва ҳисоботҳои эҷодии омӯзгорон, ки ба мавзуъи муайян алоқаманд мебошад.

## Мавзӯи 1.8. Гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ва маҳфилҳои фаннӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ ва тартиби ташкили он

Тартиби ташкил ва гузаронидани маҳфилҳои фаннӣ. Банақшагирии кори маҳфил тибқи талаботи барнома ва мазмуни фан. Аҳамияти маҳфилҳои фаннӣ дар таълими технологияи иттилоотӣ. Нақши маҳфил дар баланд бардоштани малакаҳои донишандӯзии хонандагон. Маҳфили фаннӣ ҳамчун ривоҷдиҳандаи қобилиятҳои эҷодии хонандагон. Нақши маҳфилҳои фанни технологияи иттилоотӣ дар тарбияи меҳнатдӯстӣ ва ватандӯстии хонандагон дар фазои иттилоотӣ. Шаклҳои маҳфили фаннӣ аз технологияи иттилоотӣ. Маҳфилҳое, ки дар кабинети технологияи иттилоотӣ гузаронидан мумкин аст. Гузаронидан маҳфилҳои фанние, ки истифодаи шабакаҳои Интернети (ONLINE). Банақшагирии кори маҳфилҳои фаннӣ. Зимни банақшагирии кори маҳфил ба эътибор гирифтани шароиту имконоти мактаб ва маҳал. Банақшагирии кори маҳфилҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат. Интихоби мавод ва таҳияи он барои маҳфилҳои фаннӣ. Истифодаи маводи кабинети технологияи иттилоотии мактаб барои гузаронидани маҳфилҳои фаннӣ. Истифодаи маводи техникӣ ва саноатӣ (роботҳо, мини-компютерҳо дар корхонаҳои саноатӣ ва дигар маводе, ки аз тарафи инсон сохта шудааст) дар маҳфилҳои фаннӣ.

Машғулиятҳои берунисинфӣ - қисми таркибӣ ва яке аз ҷузъиёти асосии фаъолияти таълимию тарбиявии мактаб ба ҳисоб меравад. Мақсади он - инкишофи ҳаматарафаи қобилияти худфаъолиятӣ ва эҷодии хонандагон дар соҳаҳои илм, техника ва фарҳанг мебошад. Академик П. Я. Капитса қайд мекунад, ки: «Барои тарбияи ибтидоии тафаккури

эҷодии насли наврас дар соҳаи табиатшиносӣ, технологияи иттилоотӣ фанни бештар мувофиқ ба ҳисоб меравад».

Чорабиниҳои беруназсинфӣ имконият медиҳанд, ки дониши мактаббачагон аз фанни технологияи иттилоотӣ васеъ, устувор ва амиқ гардонида, ба омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ шавқу ҳаваси онҳо бедор ва инкишоф дода шавад. Дар ҷараёни машғулиятҳои берунисинфӣ хонандагонро бо дастовардҳои илм ва техника шинос карда, инчунин, дар онҳо ташаббускорӣ, мустақилият, ҳисси кор дар коллектив, масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғайраҳо барин хислатҳои муҳим тарбия карда шавад.

**Мавзӯи 1.9. Мавқеъи кабинети технологияи иттилоотӣ дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ**

Нақши кабинет дар таълими технологияи иттилоотӣ, саҳми кабинет дар баланд бардоштани донишандӯзии хонандагон, ба назар гирифтани шароит дар мактаб ҳангоми ташкили кабинети технологияи иттилоотӣ, нақшаи кабинети технологияи иттилоотӣ ва тарзи ҷо ба ҷо гузоштани мавод дар кабинет, мақсади кабинет ва вазифаҳои он, таъмири асбобҳои дар кабинет, омода намудани асбобҳои аёнӣ ҳангоми истифодаи онҳо дар дарс. Истифодаи асбобҳои техникӣ дар дарсҳо, тозаю озода нигоҳ доштани асбобҳои техникӣ ва ғайритехникӣ, гузаронидани дарсҳои иловагӣ, риоя намудани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми истифодаи асбобҳои техникӣ.

Дар мавзӯи мазкур омӯзгорон нақши кабинет дар таълими фанни технологияи информатсиониро дар асоси талаботҳои барномаи талимӣ дар муносибатҳои босалоҳият дар таълим азхуд мекунанд. Саҳми кабинет дар баланд бардоштани донишандӯзии хонандагон, ба назар гирифтани шароит дар мактаб ҳангоми ташкили кабинети

технологияи информатсионӣ дар муносибати босалоҳият дар таълим тасаввурот пайдо менамоянд.

**Мавзӯи 1.10. Роҳҳои татбиқи 20 - солаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф ва илм дар МТМУ**

Рушди илми технологияи иттилоотӣ сабаби саноатикунонии бо суръати мамлакат маҳсуб меёбад, ҳангоми амалӣ намудани фанни технологияи иттилоотӣ ва дигар фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ метавонем саноати мошинсозӣ, технологияҳои нав, кишоварзӣ, чорводорӣ, тиб, маориф, фарҳанг ва ғайраро руд бахшида сатҳи зиндагии аҳолии мамлакатро хуб намоем.

Омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ усулҳои ҷалби хонандагонро ба омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ истифода бурда, хонандагонро шавқманд намуда, онҳоро аз омӯзишӣ илми назариявӣ ба омӯзиш ва татбиқи донишҳои доштаашон роҳнамоӣ менамояд.

**Мавзӯи 1.11. Кори амалӣ дар муассисаҳои базавӣ (такягоҳӣ)**

Мақсади дарс шиносои пайдо намудани омӯзгорони шаҳр ва ноҳияҳои тобеи марказ аз вазъи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии пойтахт, табодули таҷрибаи якдигар, муқоиса намудани машғулиятҳои фанни технологияи иттилоотӣ дар шаҳр ва ноҳияҳо, таҳлил намудани дарс, истифода намудани намудҳои таҳлил.

Рушд додани салоҳиятҳои эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, маҳорати омӯхтан, тафакури интиқодӣ ва комуникативӣ.

Дар амал истифода намудани муносибати босалоҳият дар таълим, табодули таҷрибаи якдигар, таҳлил намудани дарси омӯхташуда, омӯхтани методикаи нави таълими дар дарси амалӣ, дарс чигуна мушоҳида, муқоиса, таҳлил ва

анализ карда мешавад. Истифодаи арзёби аз тарафи омӯзгор.

Омӯзгор бояд малакаҳои таҳлили дарс, мушоҳидаи раванди машғулият, муқоиса, таҳлил ва хулосабарориро дошта, дар натиҷаи машғулият табодули таҷриба намуда, камбудиҳои худро бартараф карда метавонад.

## 2. Мавзӯҳои иловагии алтернативӣ

| № | Қисмҳои барнома | Микдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| | | 10 | 4 | 6 |
| 2.1. | Самаранокии усулҳои омӯзиш дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотӣ | 3 | 1 | 2 |
| 2.2. | Методикаи истифодабарии стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ | 3 | 1 | 2 |
| 2.3. | Таълими анъанавӣ ва омӯзиши якҷоя: хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ | 4 | 2 | 2 |

***Эзоҳ: Шунавандагон метаввонанд мавзуъҳои иловагии алтернативии нақшаи мазкур дар доираи соатҳои муайянгардида мавзуъҳои дилхоҳи худро интихоб намоянд.***

**Мавзӯи 2.1. Самаранокии усулҳои омӯзиш дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотӣ (3 - соат).**

Усулҳои таълим ва истифодаи он дар раванди таълим. Истифодаи усулҳои фаъол дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ. Муқоисаи усулҳои фаъоли таълим ва усулҳои анъанавӣ. Муайян кардани бартарӣ ва камбудиҳои усулҳои фаъол ва анъанавӣ. Мавқеи аёниятҳо дар муносибати фаъоли омӯзгор ва хонанда. Истифодаи бозиҳои шавқовар. Муаммоҳо, чистонҳо ва зарбулмасалҳо. Аҳамияти истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарс. Кор бо матнҳои китоби дарсӣ, ҳамчун шакли ҳавасмандкунӣ ба омӯзиш. Мақсади асосии истифодаи усулҳои фаъоли таълим. «Ангезиши зеҳн» - яке аз намудҳои усули фаъоли таълим. Аҳамияти усулҳои фаъоли таълим дар донишандӯзии хонандагон. Усулҳои фаъоли таълим ва салоҳиятнокӣ.

**Мавзӯи 2.2. Методикаи истифодабарии стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ (3 - соат)**

Тафриқа - дар таълими тафриқа омӯзгор мақсади таълим, усул, фаъолият, мавод, захираҳои таълим ва арзёбиро ба ниёзи таълимии ҳар як хонанда мутобиқ месозад. Тафриқа яъне воситаҳои дидактикиро ба талаботи (ниёз) ҳар як хонанда мутобиқ кардан аст.

Мушоҳида ва дарёфти далел-ин назорати банақшагирифта-шудаи ягон фаъолияти дарс ва ё тамоми раванди он мебошад. Мақсади он дарёфти мушкилоти

таълиму омӯзиш аст. Натиҷаҳои мушоҳида ва дарёфти далел дар раванди дарс ва ё баъди он ба мақсади мутобиқ сохтани воситаҳо истифода бурда мешаванд.

Омӯзиши худтанзимшуда-худидоракунии хонанда маънои масъулиятнокӣ, назорат ва эътимоднокиро дошта, ташаккул додани малакаҳои худидоракунӣ, худсамтгирӣ ва худтанзимкунии хонандаро тақозо мекунад. Хонанда барои таълим гирифтан бояд худаш бештар масъулият ба дӯш гирифта, рафтори омӯзишии худро идора кунад ва ба танзим дарорад.

Гурӯҳи ҳидоятшуда - ин раванди таълими муташаккилест, ки барои таълими мақсаднок ва нақшавӣ имкон фароҳам меорад. Омӯзгор метавонад бевосита фаъолияти хонандагонро дар гурӯҳҳои хурд мушоҳида ва ба раванди таълим дигаргунӣ ворид кунад.

Таҳлил ва робитаи мутақобила - тавассути таҳлили рафторҳои омӯзишии хонанда, омӯзгор дар бораи талаботу тарафҳои қавӣ ва заифи ӯ маълумот ҳосил мекунад. Дар натиҷаи робитаи мутақобила ҳар хонанда оид ба чигунагии қадамҳои баъдӣ барои инкишофи омӯзиши ӯ шарҳу эзоҳ ва бозхурди инфиродӣ ва мушаххас мегирад.

Ҳамсозӣ-ин ширкати фаъоли хонандагон дар раванди омӯзиш ва ҳосил кардани донишҳо дар баробари калонсол (омӯзгор) ва ё ҳамсабақ аст. Ин усули самараноки ҳамкорӣ барои бештар кардани иштироки шахс дар омӯзиши худ мебошад.

Муколама-дар модели муколамавӣ омӯзгор муҳим будани муколомаи воқеиро бо хонандагон дарк мекунад. Ин воситаи беҳтар кардани омӯзиш ва пайдо намудани маълумот оид ба дарку фаҳмиши шогирдон аст. Ин гуна

омӯзгорон тавассути заҳмати зиёд фарҳанги иртиботу муколамаро ба вуҷуд меоранд ва тавассути он хонандагонро ба муколама ҷалб мекунанд.

Рефлекс-дар таълими рефлексивӣ омӯзгор таҷрибаи худро давра ба давра назорату арзёбӣ намуда, сипас тарзи дарс додани худро ба таври доимӣ таҷдид мекунад.

**Мавзӯи 2.3. Таълими анънавӣ ва омӯзиши якҷоя: хусусиятҳои фарққунандаи онҳо дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ (4 - соат)**

Хусусиятҳои фарққунандаи таълими анънавӣ ва омӯзиши якҷоя дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ гуногун буда метавонанд. Дар ҷадвали зер як қисми хусусиятҳои фарққунандаи таълими анънавӣ ва омӯзиши якҷоя дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ оварда шудааст.

| Омӯзиши анъанавӣ | Омӯзиш дар ҳамкорӣ |
|---|---|
| Дараҷаи пасти ба якдигар вобаста будан | Дараҷаи баланди ба ҳамдигар вобаста будан |
| Диққати асосӣ ба фаъолияти шахсияти алоҳида нигаронида мешавад | Диққати асосӣ ба фаъолияти гурӯҳҳо нигаронида мешавад |
| Муаллим оид ба иҷроиши супориш дастур медиҳад | Аъзоёни гурӯҳ роҳҳои гуногуни ҳалли масъаларо пешниҳод мекунанд |
| Малакаи кор дар гурӯҳ аз худ намешавад | Диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои кор дар гурӯҳ равона мешавад |
| Пешвои гурӯҳ таъйин гардида, иваз карда намешавад | Вобаста ба вазъият ва шароит ҳар як нафар пешвои гурӯҳ шуда метавонад |

| | |
|---|---|
| Дониши ҳар як хонанда аз тарафи муаллим баҳогузорӣ карда мешавад | Гурӯҳ сифати фаъолияти худ ва самаранокии ҳамкориро муҳокима мекунад |

**Адабиёти истифодашуда**


1. Александрова Е. А., М. В.Алёшина. Элементы индивидуализации учения. Школьные технологии. - 2003, №2. - С.54-67
2. Босова Л.Л. Методичское рекомендатсии по курсу информатики 7- 8 класс. 2003.
3. Выбор в современной школе: книга для учителя. СПб: Издательская фирма ТОО “Водолей”, 2002.
4. Зайцева С. Реализация индивидуальных образова тельных программ. Учитель. - 2006, №1. - С.37-40
5. Зверев И.Д., В.Н.Максимова Межпредметные связи в современной школе - М. Педагогика. - 1981. - 195 с.
6. Зорова Г.П.. Парная работа учащихся. Школа. - 2004, № 1. - С.21-27
7. Информатика: Учебник (под ред. Проф. Н.В. Макаровой).- М.: Финансы и статистика - 2004.
8. Как организовать индивидуальное образование? Народное образование. - 2003, №2. - С.87-95
9. Колпаков Ю.А., Романова Е. В. Информационные технологии (учебное пособие)- М., РГТЭУ, 2006.
10. Красильникова В.А. Информационнные и ком муникационные технологии в образование - М.: Дом Педагогики, 2006.
11. Назаров С.В., В.И.Першиков, В.А.Тафинцов, и др. «Компьютерные технологии обработки информации» изд «Финансы и статистика» М 2001.
12. Ниёзов Ф., М. Зиёев, А. Алиев, Б. Нусратов, Э.Ҷонмирзоев, Н. Қодиров, М. Иргашева, Қ.Зиёев. Маҷмӯи модулҳо оид ба низоми таълими салоҳиятнокӣ. Душанбе 2016, 226 саҳ.